ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ДОНИШКАДАИ ҶУМҲУРИЯВИИ ТАКМИЛИ ИХТИСОС ВА БОЗОМӮЗИИ КОРМАНДОНИ СОҲАИ МАОРИФ

Кафедраи методикаи таълим дар муассисаҳои томактабӣ ва миёнаи умумӣ

# БАРНОМАИ
# таълимии курси такмили ихтисоси мураббиёни маркази инкишофи кӯдак (МИК)

Душанбе – 2024

Бо қарори шурои олимони Муассисаи давлатии "Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф" аз «30».09.2024, №9/8-69 тасдиқ гардидааст.

**Мураттиб: Девоншоева Тутихон -** омӯзгори калони кафедраи методикаи таълим дар муассисаҳои томактабӣ ва миёнаи умумӣ

**Муқарризон: Шербоев Саидбой –** сармутахассиси шуъбаи педагогика ва таҳсилоти муосири Академияи таҳсилоти Тоҷикистон

**Ҷӯраева Нигина** – мудири шуъбаи таҳсилоти томактабии Маркази ҷумҳуриявии таълимӣ-методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Муҳаррир: Неъматова Бибиқанд,** номзади илмҳои филологии кафедраи фанҳои гуманитарӣ

Барномаи мазкур бо назардошти таҷрибаи пешқадами дохилӣ дар бахши такмили ихтисоси мураббиёни муассисаҳои томактабӣ таҳия карда шуда, барои шунавандагони курсҳои такмили ихтисоси мураббиён-омӯзгорони МИК пешбинӣ гардидааст.

Шунавандагони курс дар ҷараёни омӯзиш аз сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф ва таҳсилоти томактабӣ, ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқии соҳа, методикаи таълими фаъолиятҳои таълимию тарбиявӣ, вазъиятҳои психологию педагогӣ маълумот пайдо менамоянд.

# Пешгуфтор

Такмили низоми тарбия ва таълими кӯдакони синни томактабӣ яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлат ба ҳисоб рафта, барои дастрас ва бонуфузтар гардонидани мақоми он дар ҷомеа шароити мувофиқ фароҳам оварда мешавад.

Муҳимияти такмили ихтисоси омӯзгорони муассисаҳои томактабиро зарурати вазъияти феълӣ шуморида, таъкид шудааст, ки такмили тахассус дар баланд бардоштани сатҳи маърифатмандӣ ва маҳорати касбии кормандону омӯзгорони муассисаҳои томактабӣ аҳамияти муҳимро соҳиб аст. Ба ин васила, мутахассисони соҳаи мазкур бо таҳаввулот ва бозёфтҳое, ки дар ин самт ба вуҷуд меоянд, шинос гардида, ҷиҳати рушди соҳа саҳми бештаре мегузоранд.

Мувофиқи нишондодҳои оморӣ имрӯз 78%-и кӯдакон дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ бе тайёрӣ ба мактаб ворид мегарданд. Ин омил муттасилии таълими томактабию ибтидоиро таъмин намекунад, зеро зинаи ибтидоӣ барои ин кӯдакон зинаи аввалини системаи маориф ба ҳисоб меравад.

Аз ин рӯ, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон омода намудани кӯдакони синни 5-7 (6) - соларо ба мактаб муҳим ва зарур шуморида, онро тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» (таҳрири соли 2004) дар назди муассисаҳои томактабӣ ҳатмӣ гардонид. Инчунин, мутобиқи Қонуни ҶТ «Дар бораи маориф» (2024), Қонуни ҶТ «Дар бораи таълиму тарбияи томактабӣ» (2013) ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқ намудани Барномаи давлатии рушди муассисаҳои томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025» (2019) тасдиқ намуд, ки доир ба мустаҳкам намудани пояи ҳуқуқӣ, таълимӣ, моддӣ ва тайёр намудани

кадрҳо барои Марказҳои инкишофи кӯдакон (МИК) заминаҳои асосӣ маҳсуб меёбанд.

Барномаи мазкур мутобиқи талаботи Стандарти давлатии таҳсилоти томактабии Ҷумҳурии Тоҷикистон (2014) ва Стандарти инкишоф ва омӯзиши бармаҳали кӯдакон (2023) барои ба мактаб омода намудани кӯдакони синни 5-7(6) - сола, ки ба кӯдакистон фаро гирифта нашудаанд, пешбинӣ шудааст.

Вазифаи асосии барномаи мазкур баланд бардоштани маҳорати касбии омӯзгорон, шиносоӣ бо асноди меъёрӣ ва ҳуҷҷатгузорӣ, мазмуну мундариҷаи таъсиси МИК ва саҳми омӯзгорон дар инкишофи умумӣ, зеҳнӣ ва ҷисмонии кӯдакони синни томактабӣ, ташаккули мафҳумҳои одитарин оид ба математика, инкишофи нутқ ва аз назари иҷтимоӣ дар муддати соли хониш омода намудани кӯдакон ба мактаб аст.

Барнома бобати бардоштани маҳорати касбии омӯзгорон ва барои омода намудани кӯдакони синни 5-7(6) - сола ба мактаб метавонад, кумаки амалӣ расонад.

Барномаи таълимии курс тибқи нақша ба роҳ монда мешавад. Нақшаи барнома қисмҳои зеринро дар бар мегирад:

1. **Мақсади таълим** – мақсадҳои асосӣ ё худ муайяни таълимиеро, ки барои ҳосил шудани салоҳияти касбӣ равона шудаанд.
2. **Мавзуъ ва мундариҷаи таълим** – ин қисм аз фарогири фаъолиятҳои мушаххас иборат буда, бо азхуд кардани онҳо, мураббиёни МИК ба мақсади омӯзиш ноил гашта, дорои салоҳиятҳои муайяни касбӣ хоҳанд шуд.
3. **Вақт** – вақти соатҳои эътимолие, ки барои баррасии мақсаду вазифаҳои таълим мусоидат менамоянд.

## ТАЛАБОТИ БАРНОМА

То анҷоми КТИ омӯзгорони МИК бояд дониш, малака ва салоҳиятҳои зеринро соҳиб гарданд:

- бо сиёсати давлат дар соҳаи маориф шинос шуда, фаъолияти таълимро дар асоси талаботи онҳо ба роҳ монанд;
- навгониҳои илмҳои педагогика ва психологияро азбар намуда, дар амал татбиқ карда тавонанд;
- мақсаду вазифаҳои таълим ва тарбияро шарҳ дода, тавассути онҳо нақшаҳои тарбиявию таълимиро таҳия карда тавонанд;
- муҳити рушддиҳандаро дар МИК ташкил мекунанд.

Салоҳиятҳои мазкур тавассути тест ва корҳои эҷодии шунавандагон санҷида мешаванд. Дар охир ба шунавандагон пас аз ҳимояи корҳои эҷодӣ ва супоридани имтиҳон шаҳодатнома супурда мешавад.

**Нақшаи**
**таълимии курси такмили ихтисоси**
**мураббиёни муассисаҳои томактабӣ**

| № | Номгӯи мавзуъҳо | Микдори соатҳо | | |
|---|---|---|---|---|
| | | Ҳамагӣ | Назариявӣ | Амалӣ |
| 1. | Тахассус ва такмили маҳорати касбӣ | **36** | **14** | **22** |
| 2. | Педагогикаи томактабӣ | 3 | 1 | 2 |
| 3. | Психологияи бачагона | 3 | 1 | 2 |
| 4. | Технологияи иттилоотӣ | 4 | 1 | 3 |
| 5. | Менеҷменти сиёсӣ | 2 | 2 | - |
| | **Ҳамагӣ:** | **48** | **19** | **29** |

**Нақшаи**
**тақвимии курси такмили ихтисоси мураббиёни маркази инкишофи кӯдак**

| № | Мавзуъҳо | Микдори соатҳо | | |
|---|---|---|---|---|
| | | Ҳамагӣ | Назариявӣ | Амалӣ |
| **1.** | **Тахассус, методикаи таълим** | **36** | **14** | **22** |
| 1.1 | Сиёсат ва қонунгузории дастгирикунандаи соҳаи таҳсилоти томактабӣ. | 2 | 2 | - |
| 1.2 | Меъёрҳои салоҳиятнокии кӯдакони синни томактабӣ ва вазифаҳои муассисаҳои томактабӣ тибқи онҳо. | 2 | 1 | 1 |
| 1.3. | Хусусиятҳои синнусолӣ ва принсипҳои рушди кӯдакони синни 0-7 сола. | 2 | 1 | 1 |
| 1.4 | Методологияи таълимии кӯдакон "Омӯзиш тавассути бозӣ". Намудҳои бозӣ. | 2 | - | 2 |
| 1.5 | Маърифати сенсорӣ ва математика. Омӯзонидани аломатҳои арифметикӣ | 4 | 2 | 2 |
| 1.6 | Методикаи таълими инкишофи нутқ ва шиносоӣ бо адабиёти бадеӣ | 4 | | 4 |
| 1.7 | Методикаи таълими тайёрӣ ба таълими савод | 4 | 2 | 2 |
| 1.8 | Методикаи таълими шиносоӣ бо табиат, муҳит ва хештаншиносӣ | 4 | 2 | 2 |
| | | | | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 1.9 | Методикаи таълими фаъолияти мусаввирӣ | 2 | 1 | 1 |
| 1.10 | Методикаи таълими тарбияи ҷисмонӣ ва мусиқӣ | 2 | 1 | 1 |
| 1.11 | Корҳои амалӣ дар МТТ | 6 | 2 | 4 |
| 1.12 | Кор бо кӯдакони имконияташон маҳдуд. | 2 | 1 | 1 |
| | **Ҳамагӣ:** | 36 | 15 | 21 |
| **2.** | **Мавзуъҳои иловагии алтернативӣ** | | | |
| 2.1 | Моҳияти гӯшаҳои омӯзишӣ ва мавқеи онҳо дар раванди таълим | 4 | 2 | 2 |
| 2.2 | Методикаи таълим дар гурӯҳҳои омехта | 4 | 2 | 2 |
| 2.3 | Аҳамияти гузаронидани мушоҳида дар ҷараёни шиносоӣ бо гирду атроф | 4 | - | 4 |
| 2.4 | Коркарди нақшаҳои фаъолиятҳои таълимӣ ва омӯзишӣ | 4 | 2 | 2 |
| | **Ҳамагӣ:** | **16** | **6** | **10** |

## Барномаи таълимии курси такмили ихтисоси мураббиёни маркази инкишофи кӯдак

**Мавзуи 1.1 Сиёсат ва қонунгузории дастгирикунандаи соҳаи томактабӣ.** Ҳуҷҷатҳои ҳуқуқии соҳаи тарбияи томактабӣ. Эъломияи ҳуқуқи кӯдак ва эътирофи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак" ва уҳдадориҳои падару модарон. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таълиму тарбияи томактабӣ», Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Стандарти давлатии таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Стандарти инкишоф ва омӯзиши барвақтии кӯдак, Низомномаи намунавии муассисаҳои томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Сохтор ва вазифаҳои асосии марказҳои инкишофи кӯдак (МИК), гурӯҳҳои омодагии пешазмактабии кӯдакони 5-7(6)сола. Барномаҳои таълимӣ. Кадрҳои омӯзгорӣ. Таъмин бо дастуру адабиёти методию таълимӣ. Базаи моддӣ, техникӣ ва таълимӣ. МИК ва оила. Нақши муассисаҳои илмӣ, методӣ ва системаи такмилдиҳии маҳорати касбии омӯзгорони томактабӣ дар рушду нумӯи соҳа.

**Мавзуи 1.2. Меъёрҳои салоҳиятнокии кӯдакони синни томактабӣ ва вазифаҳои муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ тибқи онҳо.** Мазмуни заминавии таълиму тарбияи томактабӣ ба ташаккули салоҳиятнокии кӯдак, ҳамчун натиҷаи фаъолияти таълимӣ, равона карда шудааст.

Ҳар як давраи синнусолӣ бо дараҷаи муайяни азхудкунии салоҳиятнокӣ муайян карда мешавад: салоҳиятнокии маърифатӣ, салоҳиятнокии иҷтимоӣ, салоҳиятнокии муоширатию забонӣ, салоҳиятнокии эҷодӣ. Ташкили муҳити рушддиҳанда ва омӯзишии кӯдакон дар МИК вобаста ба талаботи онҳо.

**Мавзуи 1.3 Хусусиятҳои синнусолӣ ва принсипҳои рушди кӯдакони синни 4-7 сола**. Маълумот оид ба синни томактабӣ. Тавсифномаи инкишофи ҷисмонӣ ва равонии кӯдакони 5-7-сола. Хусусиятҳои равонии бачагони синни томактабӣ- асоси зуҳуроти  инкишофи психикии кӯдак. Принсипҳо ва моҳияти психологияи бачагона. Методҳои психологияи бачагона. Методҳои мушоҳида ва озмоишӣ. Фарқиятҳои психологии кӯдакони синни томактабӣ. Хусусиятҳои рушдёбии кӯдакон. Омилҳои инкишоф: ирсият, муҳит, тарбия ва фаъолияти кӯдак. Масъалаҳои инкишоф ва қонунҳои рушди психикии кӯдак. Нишондиҳандаҳои инкишофи психикаи кӯдак: рушди дарккунӣ, ташаккул додани системаи муносибатҳо. Омилҳои инкишофёбии кӯдак. Муҳиммият ва моҳияти он. Таъсири муҳити табиӣ ва иҷтимоӣ ба инкишофи кӯдак. Хусусиятҳои инкишофи ҷисмонӣ ва равонии кӯдакон. Ташаккули малакаҳои таҳрикию ҳаракатӣ. Инкишофи протсессҳои маърифатии кӯдакон (эҳсос, идрок, тафаккур, хотир, диққат, нутқ) ва омода намудани онҳо барои иҷрои амалҳои фикрӣ.

Бозӣ. Бозӣ чист? Бозиҳои серҳаракат дар ҳаёти кӯдак нақши муҳимро мебозанд, чунки барои ҷисман ташаккулёбии кӯдак кумак  расонида, ӯро чолок, зирак ва нотарс мекунанд. Кӯдак вақти зиёди худро дар ҳавои кушод бо давидану ҷаҳидан мегузаронад. Кӯдак  бисёр ҳаракат карда, ҷастухез мекунад, организмаш оксигенро бештар фурӯ мебарад. Барои он ки сайругашт самаранок гузараду кӯдак бо майли том сайругашт кунад, бояд бо онҳо бозиҳои гуногуни шавқовари серҳаракат гузаронида шавад. Бозиҳои серҳаракат на танҳо мушакҳои бадани кӯдакро мустаҳкам мекунад, балки дар онҳо ҳисси дониста гирифтани муҳити гирду атроф бедор

шуда, хотирашон қавӣ мегардад ва дар кӯдакон мушоҳидакорӣ, чаққонию зиракӣ пайдо мешавад.

Қонунияти тарбия. Алоқамандии тарбия бо омилҳои ирсӣ ва муҳит. Асосҳои назариявии тарбияи кӯдакони синни томактабӣ. Аҳамияти синни барвақтӣ дар инкишофи кӯдак. Вазифаҳои асосии тарбияи кӯдакони синни томактабӣ. Намудҳои тарбия ва нақши онҳо дар ташаккулёбии кӯдакон. Воситаҳои асосии тарбия ва инкишофи ҷисмонии кӯдакон.

Зарурияти тарбияи фикрӣ дар давраи томактабӣ. Вазифаҳои тарбияи ахлоқии кӯдакон. Моҳияти тарбияи зебопарастии кӯдакон. Таъмин намудани шароитҳо барои тарбияи меҳнатии кӯдакон. Назарияи муосири педагогӣ оид ба тарбия ва инкишофи кӯдакони синни томактабӣ. Таъсири омилҳои биологӣ ва иҷтимоӣ дар инкишофи кӯдак. Кӯдак ҳамчун «объект» ва «субъект»-и раванди тарбия. Тақсимоти давраҳои синнусолии инкишофи кӯдак. Нақши фаъолиятҳо дар инкишофи кӯдак. Давраи аввали фаъолияти таълимӣ ва меҳнатии кӯдакон. Хусусиятҳои бозиҳои ашёӣ ва сужетӣ. Ташкили бозиҳои нақшофарӣ ва бозиҳо аз рӯи қоида дар ин давра. Муоина ва ташхис намудани инкишофи кӯдакон. Аҳамияти ҳамкорӣ дар давоми бозӣ.

**Мавзуи 1. 4. Методологияи “Омӯзиш тавассути бозӣ”.**

Мазмуни асосии барномаи **“Омӯзиш тавассути бозӣ”-**ро самтҳои мухталифи он ташкил медиҳанд. Ҳар як хусусият ё самти хоси барнома марҳилаҳои гуногуни инкишофи кӯдакро дар бар гирифта, роҳҳои дурусти истифодаи онҳоро пешниҳод менамояд.

Барнома панҷ самти муҳими инкишофи кӯдакро дар ҳар як марҳила муайян кардааст: **худшиносӣ, ҷисмонӣ, муносибат, фаҳмиш ва муошират.**

**Худшиносӣ** чӣ маъно дорад? Инкишофи худшиносӣ аз таваллуд оғоз меёбад ва бо ворид шудани кӯдак ба муҳити атроф

рушд мекунад. Кӯдаконе, ки дӯстдорӣ ва навозиш мебинанд, табъи болида доранд ва ин ҳиссиёти мусбӣ буда, дар инкишофи эҳсосотии онҳо нақши бориз мебозад.

**Инкишофи ҷисмонӣ** – маҳоратҳои ҷисмониеро дар бар мегиранд, ки кӯдак бояд дар кадом синну сол ба кадом малакаҳои мушаххаси ҷисмонӣ ноил гардад.

Инкишофи ҷисмонии кӯдакон ба ду қисм ҷудо мешавад: маҳоратҳои ҳаракати бадану пойҳо ва ҳаракати дастҳо, яъне системаи таҳрикии калону хурд:

- маҳоратҳои умумии бадан қобилияти кӯдакро барои ғелидан, давидан, ба баландӣ баромадан такмил меёбад;
- маҳорати дасту ангуштон қобилияти кӯдаконро дар расм кашидан, хӯрдани ғизо, ба даст гирифтани ашёҳои хурд ва ғайраҳоро дар назар дорад.

**Муносибат** чӣ аҳамият дорад? Муносибатҳои аввал дар ҳаёти кӯдак бо одамони аз ҳама азизи вай, одатан падару модар сурат мегирад. Аз ин лиҳоз, кӯдакон ба рушди муносибат бо дигар аъзои оила, парасторон ва баъд ҳамсолон таваҷҷуҳ пайдо мекунанд. Муносибат бо аъзои оила, дӯстон ва дигарон ба кӯдак дар ҳосил намудани ҳиссиёти қавии бехатарӣ ёрӣ медиҳад.

**Фаҳмиш ва муошират.** Самти фаҳмиш фикрронии кӯдакро оид ба дунёи иҳотакардашуда зиёд намуда, қобилияти дарккунӣ ё зеҳнии кӯдакро метезонад. Ин шинохтани рангҳо, фаҳмида гирифтани мафҳумҳои “пур” ё “холӣ”, “аён” ё “ноаён” ва ашёҳои гуногуну таъиноти онҳоро дар бар мегирад.

**Муошират** чист? Гуфтори шифоҳӣ ё нутқ маҳоратеро дар назар дорад, ки барои ифода намудани ниёзҳо ва андешаҳо сухан истифода мешавад. Қабули фикрҳои шунидашуда ин қобилияти фаҳмиши онҳост. Пеш аз ҳама, муҳити оила

кӯдаконро гӯш кардан, фаҳмидан ва изҳори фикрҳоро меомӯзонад.

Инкишофи барвақтии кӯдакон бо истифода аз бозиҳои педагогӣ ҷиҳати ҳалли масъалаҳои рушди иҷтимоӣ, эҳсосотӣ, ҷисмонӣ, маърифатӣ ва нутқи шифоҳӣ. Технологияи бозии рушди ҷисмонӣ, хотир, диққат, идрок ва тахайюлот дар онҳо. Мақсад ва вазифаи бозиҳои дидактикӣ дар тарбияю таълими кӯдакони синни барвақт. Интихоби таҷҳизоту маводи бозӣ ва мавқеи онҳо дар гурӯҳҳои синнусолӣ. Интихоби минтақаҳои бозии назди МИК. Талаботҳои педагогӣ ва гигиенӣ ҷиҳати интихоби бозичаҳо мувофиқи синни тарбиягирандагон. Гузаронидани бозиҳо аз ҳар як намуди бозиҳои додашуда мувофиқи супоришҳои пешбинишуда.

**Мавзуи 1.5 Маърифати сенсорӣ ва математика. Омӯзонидани аломатҳои арифметикӣ.**

Вазифа, усул ва методҳои тарбияи сенсорӣ. Тарбияи сенсорӣ дар системаи дидактикӣ. Алоқамандии тарбияи сенсорӣ бо фаъолиятҳои гуногуни кӯдакон. Таҳқиққунии ашёҳо ва дарк намудани онҳо. Тарбияи сенсорӣ дар алоқамандии машғулиятҳои таълимии санъати тасвирӣ, инкишофи тасаввуроти одитарини математикӣ, инкишофи нутқ, шиносоӣ бо табиат ва ғ. Мақсаду вазифаҳои омӯзиши тасаввуроти ибтидоии математикӣ.

Тарзи таълими бузургиҳои математикии миқдору ҳисоб, ададу рақамҳо. Бозӣ бо варақчаҳо ва сохтани шаклҳои геометрӣ. Мафҳумҳои одии математикии каму зиёд кардан: «Чӣ қадар?»; «Чандто?».

Бузургӣ ва мавқеи он. Ташкил ва гузаронидани бозиҳои математикӣ: «Дугоник», «Ҷуфт ва тоқ», «Кам аст ё зиёд?». Тасаввуроти фазо ва вақт. Инкишофи қобилияти кӯдакон дар муайян намудани мавқеи ашёҳо дар фазо. Хусусиятҳои вақтро дарк кардани кӯдакони синни томактабӣ. Нақшаи

машғулияти инкишофи тасаввуроти одии математикӣ бо дар назардошти талаботи барномаи таълимии омодагии пешазмактабии кӯдакони синни 5-7(6)-сола. Фаъолияти педагогӣ дар таълими он. Методҳо ва тарзи таълим. Истифодаи бозиҳои дидактикӣ дар машғулиятҳои математикӣ. Ба вуҷуд овардани муҳити рушддиҳандаи кӯдак. Амалҳои инкишофи маърифатию зеҳнӣ: кор бо чӯбчаҳо ва қоғази ранга.

Шаклҳои геометрӣ. Шинохтан ва муайян кардани шаклҳои доира, квадрат, секунҷа, байзашакл, бисёркунҷаҳо. Фаҳмонида додани фарқияти элементҳои сохту намуди шаклҳои геометрӣ, аз ҷумла, тарафҳо, кунҷҳо ва миқдори онҳо.

Тасаввуротҳои фазоӣ ва вақт. Васеъ намудани тасаввуроти кӯдакон оид ба мавқеи ҷойгиршавии ашёҳо ва истифодаи ифодаҳои «аз пеш, аз қафо, аз боло, аз поён, аз пас, ба боло, ба пеш, ба қафо, ба чап, аз рост» бо истифодаи ашёҳо. Шиносоӣ бо мафҳумҳои сол, фаслҳои сол, моҳҳо ва давомнокии онҳо. Донистани рӯзҳои ҳафта, ва пайиҳам омадани онҳо. Ҳосил кардани тасаввурот дар бораи қисмҳои шабонарӯзӣ. Шиносоӣ бо соат, дақиқа, сония ва ченкунии вақт. Шиносоӣ бо асъори миллӣ. Кор бо варақчаҳо, чӯбчаҳо, маводи табиӣ. Тартиб додани рақамҳо, шаклҳои геометрӣ. Бозиҳои дидактикӣ оид ба инкишофи сенсорӣ. Бозии «Танграм» ва сохтани ашёҳои гуногун тавассути он. Таҳияи нақшаи машғулияти яксоата оид ба мавзуи бузургӣ. Иштирок дар машғулиятҳо ва таҳлили методикаи гузаронидани онҳо.

Омӯзонидани аломатҳои арифметикӣ. Омӯзонидани аломатҳои арифметикӣ: ҷамъ («+»), тарҳ («-»), баробарӣ («=»). Мафҳумҳои одии математикии каму зиёд кардан: «Чӣ қадар»?; «Чандто»?

**Мавзуи 1. 6. Методикаи таълими инкишофи нутқ ва шиносоӣ бо адабиёти бадеӣ.**

Мақсад ва вазифаҳои машғулиятҳои инкишофи нутқ ва шиносоӣ бо адабиёти бадеӣ. Мавзуи забони модарӣ ва нутқ дар инкишофи кӯдакон. Мақсад ва вазифаҳои инкишофи нутқи кӯдакони синни томактабӣ. Метод ва усулҳои инкишофи нутқ.

Тарбияи маданияти овозии нутқ. Дарккунии овозҳои забони модарӣ ва талаффузи дурусти онҳо. Хусусиятҳои азхудкунии ҷабҳаҳои овозии нутқ ва шаклҳои кор оид ба тарбияи маданияти овозии нутқ. Хусусиятҳои инкишофи луғати кӯдакони синни омодагӣ ба мактаб. Азхудкунии захираи луғавӣ - асоси инкишофи нутқи кӯдакон. Вазифа ва мазмуни кор оид ба ташаккули сохти грамматикии нутқ. Ташаккули сохти морфологии нутқ ва мустаҳкамкунӣ бобати ба ҳам алоқаманд намудани ҳиссаҳои нутқ: шумора бо исм, сифат, тартиб додани калимаҳои ҳамреша, феъл бо бандакҳо. Сайқал додани маҳорати мувофиқи маъно дуруст истифода намудани калимаҳо дар нутқ. Тартиб дода тавонистани ҷумлаҳои сода.

Нутқи мураттаб ва аҳамияти он дар рушди шахсияти кӯдакон. Нутқи мураттаб асоси нутқи диалогӣ ва монологӣ. Инкишофи маҳорати гӯш кардан ва фаҳмидани мазмуни нутқи дигарон. Маданияти муошират бо мақсади инкишофи нутқ. Ташаккул додани дарккунии одии падидаҳои забонӣ ва нутқӣ. Намудҳои гуногуни саволҳо ва шарҳ додани онҳо. Воситаҳои инкишофи нутқи шифоҳии хурдсолон дар гурӯҳҳои тайёрӣ ба мактаб. ҳиссиёти худ ба мазмуни асари бадеӣ.

Мавқеи адабиёти бадеӣ дар инкишофи нутқи кӯдакон ва

вазифаҳои машғулиятҳои шиносоӣ бо адабиёти бадеӣ. Тарбияи шавқу ҳаваси кӯдакон нисбат ба адабиёти бадеӣ. Инкишофи қобилияти дарки зебоӣ ва ҷозибанокии асарҳои бадеии жанрҳои гуногун. Диққати кӯдаконро ба ороиш ва расмҳои китоб ҷалб намудан. Ташаккули маҳорати бодиққатона ва бо шавқу ҳавас гӯш кардани асарҳои жанрашон гуногун: афсона, ҳикоя, шеър, чистону мақол, зарбулмасалу тезгӯякҳо ва фарқ кардани онҳо. Хусусиятҳои азхудкунии асарҳои бадеӣ аз ҷониби кӯдакони гурӯҳи калон. Фаҳмидани ҷиҳати ахлоқии амалиёти тасвиршуда, дарк намудани алоқаи онҳо бо ҳодисаҳои ҷамъиятӣ. Омӯзонидани дуруст баҳо додан ба рафтори қаҳрамонҳои асар. Усули омӯзонидани хониши буррои шеър. Эҳсос намудани хислатҳои мусбии қаҳрамонҳои асар. Бурро ва ифоданок қироат кардани шеърҳо аз эҷодиёти шифоҳии халқ, риояи фосила ва задаи мантиқӣ.

Ғанӣ гардонидани тасаввуроти кӯдакон дар бораи нависандагону шоирони тоҷик ва халқҳои дигар. Истифода аз гӯшаи китобҳо ва расми шоирону нависандагон. Нақл аз рӯйи расмҳо. Методикаи гузаронидани машғулиятҳои шиносоӣ бо адабиёти бадеӣ.

**1. 7 Методикаи таълими тайёрӣ ба таълими савод.**

Мақсад ва вазифаҳои муҳимми омодагӣ ба таълими саводи кӯдакони синни калони томактабӣ. Ташаккули идроки дурусти овозҳои нутқ ҳамчун воситаи азхудкунии маҳорати хондану навиштан. Таълими таҳлили овозии калима ва дар ҷараёни он шинос намудани кӯдакон бо алифбои забони тоҷикӣ.

Азхудкунии баъзе қоидаҳои имло. Талаффузи дурусти овоз ва ҳар як калима (ҳамсадоҳо бо овози шунаво, садонокҳо бошад, ба тарзи кашишнок). Номбар кардан, бо доирачаҳои сурх ҳамсадоҳо ва бо доирачаҳои сабз садонокҳоро ишора намудан. Ёд додани мавриди талаффуз овозҳои садонок кашиш меёбанд

ва озодона, бе монеа талаффуз мешаванд. Ҳамсадоҳо бошанд ба монеаҳо дучор шуда, бе овозҳои садонок ҳиҷоро ташкил карда наметавонад. Омӯзонидани тарзи ба ҳиҷоҳо ҷудо кардани калимаҳо. Тартиб додани ҷумлаи содаи иборат аз ду, се ва чор калима. Омӯзонидани талаффузи дурусти ҳамсадоҳои такрор дар калима. Талаффуз ва фарқ карда тавонистани ҳарфҳои и ва ӣ, у ва ӯ дар калима. Истифодаи аёниятҳо дар машғулиятҳои тайёрӣ ба таълими савод ва ба кӯдакон додани имконияти мустақилона кор кардан бо маводи таълимӣ.

Тарзи навиштани нақшаи яксоатаи машғулияти тайёрӣ ба таълими савод дар гурӯҳи тайёрӣ ба мактаб ва гузаронидани машғулияти тайёрӣ ба таълими савод. Истифода намудани бозиҳои таълимӣ доир ба талаффузи дурусти овозҳо.

**Мавзуи 1. 8 Методикаи таълими шиносоӣ бо муҳит, табиат ва хештаншиносӣ.**

Мазмун, мундариҷа ва вазифаҳои асосии машғулияти шиносоӣ бо муҳит. Бедор намудани шавқу рағбати кӯдакон ба донистани ҳодисаҳои иҷтимоӣ, муносибатҳои байниҳамдигарии одамон. Ҳамкорӣ бо атрофиён, доштани майлу рағбат барои сазовор шудан ба боварӣ ва дастгирии калонсолон. Инкишофи маҳорати муқоисакунӣ. Мустаҳкам намудани тасаввуроти кӯдакон дар бораи ашёҳои муҳити зист, хусусият, вазифа ва таъминоти онҳо: либос, мева, сабзавот, зарфҳо, олоти меҳнат, анҷоми хона, гурӯҳ ва ғайра. Шинос намудани кӯдакон бо рӯйдоду ҳодисаҳои дар кишвар ба амаломада.

Идроки ашёҳои атроф заминаест барои инкишофи ақлию фикрии кӯдакон. Ташаккули тасаввуроти кӯдакон дар бораи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Додани маълумот оид ба пойтахти мамлакат ва ҷойи зисти кӯдакон. Шинос кардан бо қаҳрамонони тоҷик. Тарбияи муҳаббат ба кишвари азиз, ба Ватан. Шинос намудани кӯдакон бо ҷойҳои ҷолиби диққати

шаҳру деҳа, кӯчаю хиёбонҳо, ки номи одамони машҳурро доранд. Васеъ гардонидани дониши кӯдакон доир ба Артиши Миллӣ, идҳои миллию сиёсӣ: Рӯзи Истиқлолият, рӯзи Забони тоҷикӣ, рӯзи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғайра. Бедор намудани шавқу завқи кӯдакон ба меҳнат ва додани тасаввурот оид ба касбҳои гуногун: бинокорӣ, чорводорӣ, духтурӣ, дуредгарӣ, омӯзгорӣ ва ҳоказо.

Мақсаду ва вазифаҳои машғулияти шиносоии кӯдакон бо табиат. Ташаккулдиҳии тасаввурот дар бораи табиати зинда: растаниҳо, мева, парандаҳо, ҳайвонот, ҳашаротҳо. Ташаккулдиҳии тасаввурот дар бораи табиати ғайризинда: об, ях, санг, хок, барф, борон ва гузаштани онҳо аз як шакл ба шакли дигар. Шинос намудани кӯдакон бо ҳодисаҳои табиат: обхезӣ, шамоли сахт, сел, заминларза ва омӯзонидани тағйиротҳои мавсимӣ дар табиат. Олами набобот. Омӯзонидани номи ду навъи растании хонагӣ аз рӯйи шакл, ранг, бӯй. Мустаҳкам намудани тасаввуроти кӯдакон оид ба мева, сабзавот, истифодабарии гулу гиёҳҳои шифобахш.

Олами ҳайвонот ва парандагон**.** Оид ба тарзи шиносоӣ бо ҳайвонот ва парандагони Тоҷикистон, ҳайвоноти хонагӣ ва ваҳшӣ, парандагони муқимӣ ва мавсимӣ. Гӯшаи табиати зинда ва аҳамияти он дар тарбияи экологии кӯдакон. Тарбияи муносибати ғамхорона нисбат ба ҳайвонот ва парандагон, методикаи омӯзонидани шеъру чистон ва тезгӯякҳо дар бораи ҳайвоноту парандагон**.** Ташкили сайру гашт ва  мушоҳида дар табиат. Тарбияи ҳисси муҳаббат ба табиати кишвар дар кӯдакон. Тарзи тайёр намудани гербария ва мавод аз ашёҳои табиӣ.

Мақсаду вазифаҳои машғулиятҳои хештаншиносӣ. Мавқеи кӯдак дар доираи муносибатҳои оилавӣ ва иҷтимоӣ.

Дар кӯдак ташаккул додани зарурати мавқеи «ман». Тарбияи эҳтироми дарки мавқеи иҷтимоӣ ва хусусиятҳои фардии худ дар муқоиса бо ҳамсолон ва шахсони калонсол. Инкишофи мафҳуми алоқаи хешу таборӣ, қобилияти муайян кардани аъзоёни оила, номҳо ва ба чӣ кор машғул будани онҳо. Иштироки кӯдакон дар омодагирӣ ба ҷашнҳои оилавӣ ва идҳо. Дарахти генологии оила ва муносибатҳои хешу таборӣ. Воситаҳои нигоҳ доштани алоқаи хешутаборӣ: меҳмонравӣ, ба воситаи телефон аз аҳволи ҳамдигар бохабар шудан, ба якдигар ғамхор будан ва ҳурмат кардани ҳамдигар.

Тарбия намудани ҳисси ватандӯстӣ. Муқаддасоти Ватан: Суруди миллӣ, Парчам ва Нишони давлат ва тарбияи эҳтиром нисбати онҳо. Шинос намудани кӯдакон бо мафҳумҳои «ман», «мо», «оила», «ман ва дигарон», «ман ва табиат» ва ғайраҳо. Дарк кардани мафҳуми «ман» (узвҳои бадан, олами ботинӣ ва сифатҳои ахлоқию иродавӣ) ва муносибати ӯ бо атрофиён. Дарки мафҳуми «мо» (аъзоёни оила, ҳамсолон, ҳамсоягон, мураббиён) ва ташаккули ҳиссиёти худшиносӣ, худогоҳӣ ва инсонпарварӣ. Мустаҳкам намудани меҳру муҳаббати кӯдакон ба Модар - Ватан ва тарбияи ҳисси эҳтирому муносибати хуб нисбати онҳо.

**Мавзуи 1.9 Методикаи таълими фаъолияти мусаввирӣ.**

Мақсад ва вазифаҳои машғулиятҳои расмкашӣ ва суробсозӣ. Инкишофи маҳорату қобилияти эҷодкории кӯдакон дар ҷараёни машғулиятҳои расмкашӣ ва суробсозӣ. Ташаккул додани равишҳои сенсорӣ ва бой гардонидани тасаввурот дар бораи онҳо. Васеъ гардонидани тасаввуроти кӯдакон оид ба ашёҳое, ки тасвир мекунанд ва ё месозанд. Роҳҳои азхудкунии тасвири расму ашёҳои шинос (бозичаҳо, гулҳо, меваҳо ва ғ.) ба кӯдакон. Тасвири шакл, ранг ва қисматҳои онҳо. Методикаи ташаккул додани малакаи

дуруст доштани қалам ва омӯзонидани истифодаи мӯқалам ва рангҳо дар кӯдакон. Ба кӯдакон омӯзонидани тасвири рангу тобишҳо мувофиқ ба фаслҳои сол (ранги барги дарахтон, борон, гулҳо ва ғ). Тасвири амалии ҳодисаҳои гуногуни ҷамъиятӣ, аз зумраи ҷамъоварии ҳосил, сохтмонҳои азим, ҷашнҳои миллию давлатӣ ва ғайра. Додани маълумот дар бораи лой. Омӯзонидани сохтану омода намудани суробҳо, қолабҳо ва шаклҳо. Омӯзонидани аз лой ва лойи сунъӣ (пластилин) сохтани бозичаҳо, зарфҳо, меваҳо, паррандаҳо ва ғ. Мувофиқи мазмуни афсонаю ҳикояҳо сохтани суроби мурғак, шутур, шағол, рӯбоҳ, ҷуворияк, нахӯтак ва ғайраҳо.

Мақсад ва вазифаҳои машғулиятҳои гулмонӣ ва тартибдиҳӣ. Диққат додан ба инкишофи ҳаракатҳои якҷояи дасту чашм. Бо қайчӣ, ширеш, қоғаз кор карданро омӯзонидан. Мавриди гулмонӣ васеъ намудани тасаввуроти кӯдакон оид ба санъати тасвирӣ, ашёҳои атроф, расмҳо, ороиши ашёҳо ва ғайра. Буридан ва ширеш кардани тасвири ашёҳо, шаклҳои геометрӣ, қисмҳои алоҳидаи ин ё он намуди ашё ва ҳайвонро омӯзонидан. Аз қоғазпораҳои гулдор ва ранга истифода кардан ва тартиб додани гулбарг, пахтазор, бешазор ва ҳоказо. Истифодаи онҳо дар гурӯҳ. Методикаи таҳлили корҳои анҷомдодашудаи ҳар як машғулият ва дар намоишгоҳ ё дар гӯшаи падару модарон гузоштани маводи онҳо. Тартибдиҳӣ аз маводи сохтмонӣ (тахтача, хиштҳои чӯбин, кубчаҳо, ғӯллачӯбҳо), табиӣ (баргҳо, рег, қум, ҷалғӯза, шохчаи дарахт, пари паррандагон ва ғ.) ва камарзиш (қуттиҳои холии гӯгирд, аз курта, пойафзол, картон, ғалтакҳо, қоғаз ва ҳоказо). Омӯзонидани иҷрои амалҳои тартибдиҳӣ, ҷобаҷогузорӣ ва ба ҳам пайвастани қисмҳои конструксия. Намоиш додани мусавваҳо, тарҳҳо ва намунаи корҳо. Омӯзонидани маҳорати дурусти техникӣ.

**Мавзуи 1.10 Методикаи таълими тарбияи ҷисмонӣ ва мусиқӣ.**

Вазифаҳои машғулиятҳои тарбияи ҷисмонии кӯдакони синни 5-7-сола. Асосҳои илмӣ ва методии тарбияи ҷисмонии кӯдакон. Таъмин кардани алоқаи тарбияи ҷисмонӣ ба инкишофи умумии кӯдак. Тарбияи сифатҳои иродавӣ-ахлоқӣ дар раванди тарбияи ҷисмонӣ. Тарбияи ҷисмонӣ ва мустаҳкам намудани саломатии кӯдакон. Шаклҳои ташкили кор оид ба тарбияи ҷисмонии кӯдакон. Омӯзонидани сафкашӣ: ду- се ва ё чорнафарӣ  қатор истодан ва иҷро кардани ҳаракатҳо дар қатор. Тарбияи чусту чолокӣ, ташаккули ҳисси шунавоии кӯдакон ба ишораҳои овозии омӯзгор- мураббӣ. Омода намудани кӯдакон ба иҷро намудани машқҳо барои китфу дастон, миён ва қаду қомат дар қисми авали машғулият. Роҳгардии муқаррарӣ, нӯг-нӯги пой, роҳгардӣ бо пошнаи пой, баланд бардоштани зонуҳо, роҳгардӣ бо қадамҳои калон ва хурд. Такмил додани маҳорати чусту чолокии кӯдакон ҳангоми давидан ва иҷрои машқҳои гуногун. Омӯзонидани ҳаводиҳӣ бо дасти чап ва рост ё худ бо ҳар ду даст. Ёд додани ҷаҳидан бо ҳар ду пой, ба пеш ҳаракат карда ҷаҳидан.

Ташкил ва гузаронидани бозиҳои рӯимизӣ ва варзишӣ. Аҳамияти гузаронидани машқҳои пагоҳирӯзӣ, обутобдиҳии бадан, реҷаи рӯз ва гузаронидани тадбирҳои солимгардонӣ. Иҷрои машқҳои ҷисмонии пагоҳирӯзӣ тавассути бозиҳои серҳаракат. Методикаи гузаронидани машғулиятҳои тарбияи ҷисмонӣ дар толор ва дар ҳавои кушод. Парвариш намудани одату малакаҳои маданӣ- гигиенӣ. Сайругаштҳои ҳаррӯза мутобиқи синнусоли кӯдакон ва давомнокии онҳо.

Методикаи таълими мусиқӣ. Вазифаи суруд ва мусиқӣ дар таълиму тарбияи кӯдакони синни калони томактабӣ. Тарбияи мусиқӣ – воситаи ташаккули шахсияти кӯдак.

Ташаккул додани қобилияти мусиқифаҳмӣ, ҳаракатҳои мусиқӣ, шунидани мусиқӣ, сурудан, рақсҳои миллӣ ва унсурҳои ҳаракатҳои одии зарбию мусиқӣ.

Сурудхонӣ. Фарқ карда тавонистани овозҳои дарозу кӯтоҳ. Ҳамчунин инкишофи худназораткунии шунавоӣ, яъне маҳорати ба сурудхонии худ гӯш дода тавонистан. Фаҳмидани мазмуни ҳаракатҳои мавзун, мутобиқан пасту баланд шудани овоз, суръат, ҳаракат, характери рақсӣ доштани мусиқиро омӯзонидан. Сарфаҳм рафтан ва эътибор додан ба моҳияту зарурияти ҳар як ҳаракат мутобиқи матни суруд. Дар бораи оҳангсозон ва суруду таронаҳои мардумӣ маълумот додан. Ҳаракатҳои мусиқӣ. Ёд додани ҳаракатҳои мавзун дар ҳавои мусиқии хусусиятҳои гуногундошта. Гузариш аз мусиқии муътадил ба суръати суст ё шӯх. Мувофиқгардонии ҳаракатҳо дар ҳавои мусиқӣ: қадамзании сабуку мавзун, бо ҷаҳиш пойҳоро иваз кардан, иҷрои ҳаракатҳои мухталиф бо истифодаи ашёҳои гуногун (тӯб, байрақчаҳо, чӯбча, гулҳо ва ғайра).

Зимни иҷрои унсурҳои рақси миллӣ ҳаракату ҷунбишҳо бояд озоду сабук, мулоиму баҳиссиёт бошанд. Методикаи гузаронидани машғулияти мусиқӣ. Хушҳолиҳо. Ҳафтае як маротиба гузаронидани хушҳолиҳо. Мазмун ва мундариҷаи тадбирҳои мусиқӣ ва роҳҳои гузаронидани онҳо.

**Мавзуи 1.11. Корҳои амалӣ дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ.**

Кори амалӣ дар муассисаи таҳсилоти томактабӣ. Аҳамияти мавод дар инкишофи ҳаматарафаи кӯдак. Тарзи тайёр намудани мавод. Мақсаднок ва дуруст истифода бурдани мавод дар раванди таълим. Ҷалб намудани падару модарон ба сохтану тайёр кардани мавод барои бозии кӯдакон: лӯхтакчаҳо, тӯбчаҳо. Сохтани намунаҳои гуногуни мавод ва аёниятҳо аз матоъ, картон, қоғазҳои ранга, ашёҳои

камарзиш, партовҳо, маводи табиӣ.Тайёр намудани қолабҳою ниқобҳои харгӯшак, сагча, гурбача, моҳӣ ва ҳоказо. Аз маводи донагӣ тайёр намудани тасвирҳои манзараи табиат, мева, гулҳо, қаҳрамонҳои афсонаю ҳикояҳо ва филмҳои тасвирӣ. Ташкили намоишгоҳ аз маводи худсохти омӯзгорон, волидон ва кӯдакон.

Шиносоӣ бо ҳуҷҷатгузорӣ ва иштирок дар машғулиятҳои таълимӣ.

**Мавзуи 1.12. Кор бо кӯдакони имконияташон маҳдуд.** Инкишофи муқаррарии кӯдакон. Дефектология ҳамчун соҳаи илмҳои психология ва педагогикаи махсус. Нуқсону иллатҳо дар инкишофи кӯдакон: камақлӣ, кару гунг будан, чашмхираю нобиноӣ, нуқсон дар узвҳои ҳаракатдиҳанда. Гуногун будани нишона ва сохтори нуқсонҳо. Нақши оила дар ташкили муҳити хайрхоҳона ва хӯроки мувофиқ барои кӯдакон. Сабабҳои ба нуқсонҳои гуногун гирифтор шудани кӯдакон: норасоии ғизо; таъсири муҳити табиат; алоқаи хешутаборӣ; ҳолати бади санитарӣ, ҷойи зист ва ғ. Мушоҳида ва муайян намудани нуқсонҳои кӯдакон: назорати сар ва ҷисм; тарзи нишасти онҳо; роҳ рафтан; мушоҳидаи даст ва панҷаҳои даст; қобилияти биноӣ ва шунавоӣ; ҳаракатҳои гуногуни дасту пой; талаффузи дурусту бурроии нутқ ва ғайра.

Роҳҳо ва усулҳои кор бо кӯдакони имконияташон маҳдуд. Ба вуҷуд овардани вазъи мусоид барои омӯзиш дар марказҳои инкишофи кӯдакон ва хона. Нишондиҳандаҳои мушоҳидаи кӯдак ҳангоми иҷрои амалҳо ва омӯзиш: истеъмоли ғизо ва нӯшокиҳо, серҳаракатӣ, малакаҳои иҷтимоӣ (бозии кӯдак бо дигар кӯдакон, ёрии кӯдак дар хона, тарзи сухангӯйӣ, бо имову ишора робита барқарор кардан, агар кӯдак дар гирифтани ашёҳо мушкилӣ кашад ва ғайраҳо).

Кор аз рӯйи расмҳои махсуси кӯдакони нуқсондошта.

## Мавзуъҳои иловагии алтернативӣ

**2.1. Моҳияти гӯшаҳои омӯзишӣ ва мавқеи онҳо дар раванди таълим. Портфолио, моҳият ва аҳамияти он.**

Дар муассисаҳои томактабӣ ташкил намудани муҳити таълимӣ. Иштироки кӯдакон дар фаъолиятҳои гуногуни омӯзишӣ ва пешниҳоди шароити мувофиқ. Ташкили гӯшаҳои таълимӣ ва мувофиқи талаботу амалӣ гардонидани барномаи таълимии “Рангинкамон” ҷиҳозондани онҳо.

Гӯшаҳои таълимӣ: китоб, математика, шиносоӣ бо табиат ва муҳит, мусиқӣ, фаъолияти мусаввирӣ, тарбияи ҷисмонӣ, бозию бозичаҳо.

Мафҳуми портфолио ва таъминоти он. Мақсад ва вазифаҳои портфолиои методии омӯзгор ва таълимии кӯдак. Маълумоту ҳуҷҷатҳои портфолио. Шинос кардани омӯзгорон, кӯдакону волидон бо мақсади ташкил намудани портфолио.

Портфолиои кӯдак: маълумот дар бораи кӯдак; корҳои эҷодии кӯдак; баҳодиҳии омӯзгор ба кӯдак; корҳои инфиродӣ бо кӯдак; таҳлили хаттии ҳармоҳаи амалҳои иҷрошудаи кӯдак аз тарафи омӯзгор; фикру ақидаҳои омӯзгор дар охири сол оид ба пешравиҳои кӯдак, ҷамъбасти фаъолияти таълимию тарбиявии кӯдак; пешниҳоду тавсияҳо ба падару модарон барои идомаи минбаъдаи таҳсил дар мактаб.

Портфолиои методии омӯзгор: нақшаи худомӯзӣ, маводи методӣ оид ба тарбияи кӯдакони ин синусол, аёният, асосҳои назариявии инкишофдиҳии кӯдакон, кор бо волидон, ҳамкорӣ бо мактаб. Шиносоӣ бо вазифаҳои муҳими портфолио: ташхисӣ - қайди тағйиротҳо дар рафтор, омӯзиш ва инкишофи зеҳнию ҷисмонии кӯдак дар семоҳаи муайян; далелнокӣ – ҳавасмандкунӣ аз рӯи натиҷаҳои дилхоҳи кӯдак; мақсаднокӣ – дастгирӣ намудани вазифаҳои

барномавии таълим (кӯдак чиро меомӯзад ва чиро омӯхта метавонад?); рушддиҳанда- таъмин намудани пайдарпайии ҷараёни омӯзиш.

**2.2. Методикаи таълим дар гурӯҳҳои омехта.**

Ташкил ва методикаи таълим дар машғулиятҳои гурӯҳҳои омехтаи муассисаи томактабӣ. Методикаи таълими машғулиятҳо, муайян карда тавонистани мақсаду вазифаҳо мувофиқи синну сол. Мақсаднок ва мунтазам гузаронидани машғулиятҳо ва нақши онҳо дар инкишофи шахсияти кӯдакон.

Таҳияи нақшаи намунавии шиносоӣ бо табиат дар гурӯҳҳои омехта.

**2.3. Аҳамияти гузаронидани мушоҳида дар ҷараёни шиносоӣ бо гирду атроф.**

Мавриди ташкил намудан ва истифодаи усули мушоҳида пешакӣ муайян кадани мақсад. Ба андешаронӣ, рафтор ва ҷавобҳои кӯдак махсус диққат додан. Шиносоӣ бо хусусиятҳои фарққунандаи фаслҳои сол. Мушоҳидаи тағйиротҳо дар табиат мувофиқи фаслҳои сол. Ҷамъ овардани маводи табиӣ барои гӯшаҳои омӯзишии гурӯҳҳои синнӣ.

**2.4. Коркарди нақшаҳои фаъолиятҳои таълимӣ ва омӯзишӣ.**

Тарзи таҳия ва тасдиқи нақшаи кории омӯзгор. Интихоб ва муҳокимаи мавзуъҳо тибқи барномаи таълим. Тайёр намудани кӯдакон барои гузаронидани машғулиятҳо. Арзёбии фаъолияти кӯдакон. Барномаи таълимии омодагии пешазмактабии кӯдакони синни 5-7 (6)- сола ва барномаи таълимии МИК. Маълумот дар бораи барномаи таълимӣ ва фаслҳои асосии барнома. Вазифаҳои асосии марказҳои инкишофи кӯдакон оид ба татбиқи барномаи таълимӣ. Тарбияи кӯдакон бо назардошти хусусиятҳои синнусолӣ. Истифодаи барномаи таълимӣ мутобиқи усулҳои фаъолгардонии тарбиягирандагон Моҳият ва зарурияти банақшагирии фаъолиятҳои тарбиявию

таълимӣ. Ҳангоми ба нақша даровардани фаъолиятҳо кадом самтҳои корро ба ҳисоб гирифт. Сарчашмаҳои нақшагирӣ кадомҳоянд ва чӣ тавр онҳоро муайян намуд. Таҳияи намунаи машғулиятҳои таълимӣ бо назардошти методикаи таълим.

Адабиёти истифодашуда:


1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», 2013, 2024
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таълиму тарбияи томактабӣ», 2013
3. Консепсияи миллии таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2002
4. Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2006
5. Стандарти давлатии таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2014
6. Стандарти инкишоф ва омӯзиши барвақтии кӯдак аз рӯзи таваллуд то 7 (6) сола, 2010, 2023
7. Низомномаи намунавии муассисаҳои томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2015
8. Дастурҳои методӣ барои мураббиёни МИК - Омода намудани кӯдак ба мактаб, қ.1, 2 , ДҶТИБКСМ, 2014
9. Абдуллоев И. Инкишофи нутқи кӯдакони синни томактабӣ. Душанбе, 2009
10. Афзалов Х., Раҳимов Б. Таърихи педагогикаи халқи тоҷик. Душанбе, 1994.
11. Барномаҳои таълимии “Роҳнамои мураббӣ”, 2002, «Рангинкамон», 2012, кӯтоҳмуддати омодагии кӯдакони синни 5-7 (6) сола ба мактаб ва омодагии пешазмактабии кӯдакони синни 5-7 (6) сола ба мактаб, 2010, кӯтоҳмуддати семоҳа ва якмоҳаи омода намудани кӯдакони синни 6-7 сола ба мактаб, 2009, 2015 .
12. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқ намудани Барномаи давлатии рушди тарбияи томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025», 2019.

13. Маҷидова Б. «Шиносой бо табиати ғайризинда», 2006.
14. Маҷидова Б., Ғуломова Н. «Кӯдакон ва олами парандагон». Душанбе, 2004.
15. Мухина М. С. Возрастная психология-Москва, 2002.
16. Турсунов Н. «Машғулиятҳои тарбияи ҷисмонӣ», Душанбе, 1986.
17. Современный ребенок, 2007
18. Т. Девоншоева – дастури методӣ “Нақшаи машғулиятҳои тасаввуроти одитарини математикӣ”, 2023
19. Б. Маҷидова, Н. Мирхонова –дастури методӣ “Ман, мо ва дигарон”, 2009